# Мизи мудаввар дар мавзуи «Паём – раҳнамои имрӯзу фардои миллат»

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 6 Феврал, 2023 - 15:15
[1]

6-уми феврали соли 2023, соати 10:00 тибқи Нақшаи чорабиниҳои дохилӣ оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки 23-юми декабри соли 2022 баён гардид,

дар толори Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Паём – раҳнамои имрӯзу фардои миллат» мизи мудаввар баргузор гардид, ки дар он раиси Кумита, муовини раис, сардорони шуъбаҳо, мудирони бахшҳо ва кормандони Кумита фаъолона иштирок намуданд.

Дар оғоз раиси Кумита тамоми иштирокдоронро ба мизи мудаввар хайрамақдам гуфта, оид ба нуктаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори ақида намуд.
Баъдан дар идомаи мизи мудаввар Сафаров Эраҷ – сардори шуъбаи ташкилию ҳуқуқии Кумита маърузаи худро қироат намуд.

Дар охир суҳбати озод сурат гирифта, кормандони Кумита ҷиҳати амалӣ намудани бандҳои нақшаи мазкур фикру мулоҳизаҳои худро пешниҳод намуданд.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 3

Баҳои миёна: 3 (2 овоз)

Rate

## Категория:

- Барномаҳо [2]
- Ахбори рӯз [3]

**Манбаъ::**http://kumitaizabon.tj/tg/content/mizi-mudavvar-dar-mavzui-payom-rakhnamoi-imruzu-fardoi-millat?mini=2024-02&page=9&qt-quicktabs=2

**Пайвандҳо**
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/IMG_20230206_112218.jpg [2] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B1%D0%B0%D1%80%D0%BD%D0%BE%D0%BC%D0%B0%D2%B3%D0%BE [3] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7